آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

**Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)**

# Овози тоҷик

*Бanӣ одам аъзои якдигаранд!*

**17 июни соли 2026 Чоршанбе № 48 (15267)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ДАР РОБИТАҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА АЛБАНИЯ ДАРҲОИ ИМКОНИЯТҲОИ НАВИ ИҚТИСОДӢ ВА СИЁСӢ БОЗ МЕШАВАНД

**Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Ҷумҳурии Албания Байрам Бегай ҳамроҳи ҳамсараш бо сафари расмӣ дар кишвари мо қарор дорад.**



Дар ҷаҳони муосир муваффақияти муносибатҳои байнидавлатӣ дигар аз масофаи ҷуғрофӣ вобаста нест. Имрӯз робитаҳои дӯстона бар пояи иродаи сиёсӣ ва ҳамоҳангии манфиатҳои мутақобила ташаккул меёбанд.

Стратегияи нави сиёсати хориҷии Ўзбекистон, ки бар рӯшодӣ ва амалгароӣ асос ёфтааст, ба таҳкими пайвастаи муносибатҳои баробарҳуқуқ ва дӯстона бо шарикони дур ва наздик хизмат мекунад. Ба сатҳи сифатан нав баровардани муносибатҳо бо Ҷумҳурии Албания тасдиқи равшани ҳамин сиёсат мебошад.

Густариши миқёси сиёсӣ дар сатҳи олӣ байни ду давлат дарҳои имкониятҳои навро на танҳо барои тавсеаи робитаҳои дипломатӣ, балки барои истифодаи иқтидори бузург дар соҳаҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ низ боз мекунад.

Таърихи муносибатҳои дипломатии байни Ўзбекистон ва Албания аз соли 1993 оғоз меёбад. Дар солҳои охир ин робитаҳо мазмун ва суръати комилан нав пайдо кардаанд. Музокироти Президенти Ўзбекистон бо Президенти Албания Байрам Бегай, ки 23 сентябри соли 2025 дар шаҳри Ню-Йорк дар ҳошияи иҷлосияи 80-уми ҷашнии Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардид, марҳилаи муҳиме дар рушди муносибатҳои дуҷониба ба шумор меравад.

Барномаҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои комплекси агросаноатӣ, энергетикаи сабз, геология, технологияҳои иттилоотӣ ва рақамисозӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва иқтидорҳои истеҳсолӣ барои ҳар ду ҷониб мусоидат мекунанд.

Сатҳи баланди эътимод дар доираҳои сиёсӣ ва мубодилаҳо дар соҳаҳои фарҳангиву гуманитарӣ, бешубҳа, халқҳои моро боз ҳам бештар ба ҳам наздик месозанд. Вазъи кунунии муносибатҳои гуногунҷанбаи байни Ўзбекистон ва Албания, бешак, аз оғози давраи нав дар ҳамкории ду давлат шаҳодат медиҳад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## МУЛОҚОТҲОИ САМАРАБАХШ ДАР ДОИРАИ ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САРМОЯГУЗОРИИ ТОШКАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев раиси Ҳукумати Федератсияи Русия Михаил Мишустин, раиси Девони Вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон – роҳбари Маъмурияти Президент Адилбек Касималиев, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, Сарвазири Ҷумҳурии Озарбойҷон Алӣ Асадов ва Сарвазири Ҷумҳурии Беларус Александр Турчинро, ки барои иштирок дар Форуми панҷуми байналмилалии сармоягузории Тошканд ба кишварамон ташриф оварданд, ба ҳузур пазируфт.**



Раиси Ҳукумати Федератсияи Русия Михаил Мишустин дар оғози мулоқот ба роҳбари давлати мо саломи самимӣ ва орзуҳои накӯтарини Президенти Федератсияи Русия Владимир Путинро расонид.

Масъалаҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Ўзбекистон ва Русия дар доираи татбиқсозии созишномаҳои дар сатҳи олӣ ҳосилшуда баррасӣ гардиданд.

Рушди устувори гардиши мол бо қаноатмандӣ қайд гардид. Аз оғози соли ҷорӣ ҳаҷми он 20 фоиз афзоиш ёфтааст. Татбиқи лоиҳаҳои бузург дар соҳаҳои энергетика, металлургия ва дигар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт идома дорад.

Ба масъалаҳои қабули чораҳои маҷмӯӣ, ки ба нигоҳ доштани суръати рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ нигаронида шудаанд, инчунин, дастгирии лоиҳаҳои кооператсияи саноатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Роҳбари Ўзбекистон аҳамияти густариши минбаъдаи ҳамкориҳои амалӣ дар сатҳи минтақаҳо ва пешбурди барномаҳои мубодилаи фарҳангӣ ва таълимиро таъкид намуд.

Раиси Девони Вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон – роҳбари Маъмурияти Президент Адилбек Касималиев дар оғози мулоқот меҳмони олимақом ба роҳбари давлати мо саломи самимӣ ва орзуҳои неки Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаровро расонид.

Ба татбиқсозии созишномаҳои миёни роҳбарони ду мамлакат, ки дар соҳаҳои савдо ва иқтисод, нақлиёт, обу энергетика ба даст омадаанд, инчунин, масъалаҳои пешбурди барномаҳои фарҳангиву гуманитарӣ ва мубодилаҳои байниминтақавӣ диққати махсус дода шуд.

Бо мақсади ғанӣ гардондани рӯзномаи ҳамкориҳои мутақобила ва чорабиниҳои минбаъдаи сатҳи олӣ, аҳамияти таҳияи лоиҳа ва ташаббусҳои нав дар идомаи ҷамъомадҳои навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ ва Шӯрои соҳибкорон, инчунин дар доираи механизмҳои дигари шарикӣ махсус таъкид гардид.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО САРВАЗИРИ МАЛАЙЗИЯ МУЛОҚОТ АНҶОМ ДОД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Сарвазири Малайзия Анвар Иброҳим, ки дар пойтахти кишвар тавaққуфи кӯтоҳ дошт, мулоқот анҷом дод.***

Зимни суҳбати самимӣ масъалаҳои рушди муносибатҳои дуҷониба ва бо муҳтавои амалӣ ғанӣ гардондани онҳоро ҳамаҷониба баррасӣ карданд.

Гуфта шуд, ки дар натиҷаи сафарҳои мутақобили сатҳи олӣ ҳамкориҳои байни мамлакатҳо ба марҳалаи комилан нав баромадаанд. Бахусус, аз аввали соли ҷорӣ ҳаҷми гардиши мол 15 фоиз афзоиш ёфта, шумораи корхонаҳои муштарак ба 50-то расид. Муколамаҳои фаъол дар сатҳҳои гуногун идома доранд.

Сарвари давлат ба аҳамияти музокирот бо ҳайати намояндагони корпоратсияи "Petronas", ки алҳол дар Ўзбекистон қарор дорад, таваққуф намуда, зарурати суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиётро таъкид кард.

Аз ҷумла, ба пешбурди лоиҳаҳо дар соҳаҳои нафту кимиё, технологияҳои пешрафта, кишоварзӣ, мошинсозӣ, дорусозӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок диққат дода шуд.

Зимни мулоқот инчунин дурнамои ҳамкорӣ дар самтҳои молияи исломӣ, робитаҳои байниминтақавӣ, сайёҳии зиёратӣ, афзунсозии шумораи парвозҳои мустақим ва мубодилаҳои фарҳангӣ баррасӣ гардид.

Аз рӯйи масъалаҳои рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ низ мубодилаи афкор намуданд.

Дар анҷоми мулоқот Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев аз Сарвазири Малайзия Анвар Иброҳим даъват кард, ки бо сафари алоҳида ба Ўзбекистон ташриф оварад.

**ЎзА.**

## ЎЗБЕКИСТОН — ИМА: САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМКОРИҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**Дар доираи чорабиниҳои Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо президент ва раиси Эксимбонки ИМА Ҷон Ёванович ва директори иҷроияи Корпоратсияи байналмилалии рушди молиявӣ (DFC) Бен Блэк мулоқот анҷом дод.**

Дар оғози вохӯрӣ меҳмонони олимақом ба роҳбари давлати мо саломи самимӣ ва таманноҳои накӯи Президенти ИМА Доналд Трампро расониданд.

Дар рафти музокирот масъалаҳои марбут ба иштироки ин ниҳодҳо дар маблағгузории лоиҳаҳои стратегии дорои технологияҳои пешрафта дар Ўзбекистон, аз ҷумла рушди инфрасохтор, азхудкунии маъданҳои муҳим, энергетика, татбиқи зеҳни сунъӣ ва рақамикунонӣ ҳамаҷониба баррасӣ шуданд.

Дар самти ҳамкорӣ бо Эксимбонки ИМА оид ба суръат бахшидани татбиқсозии лоиҳаҳои муштарак бобати навсозии соҳаи энергетика тавофуқ ҳосил гардид. Ҳамчунин, ба рушди минбаъдаи тақдими кредитҳои содиротӣ барои дастгирии ташаббусҳои соҳибкорони маҳаллӣ дар бахшҳои афзалиятнок диққати махсус зоҳир карда шуд.

Ташаббусҳои Корпоратсияи «DFC» оид ба дастгирии лоиҳаҳои соҳаи тандурустӣ, ба кор даровардани платформаи муштараки сармоягузорӣ, ки ба таҷдиди шабакаҳои энергетикӣ ва инфрасохтор нигаронида шудаанд, ҷонибдорӣ гардиданд.

Зарурати ба марҳалаи амалӣ гузаронидани татбиқи як қатор лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, аз ҷумла бунёди фурудгоҳи нави байналмилалӣ дар Тошканд, таъсиси маҷмааи муосири тиббӣ дар вилояти Фарғона, ба кор даровардани бонки рақамӣ, сохтмони марказҳои иттилоотӣ (дата-марказ) ва бандарҳои хушки боркашонӣ таъкид гардид.

Дар анҷоми мулоқот аз рӯйи қабули «харитаи роҳ»-и муштарак ҷиҳати пешбурди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва технологии баррасишуда ба мувофиқа расиданд.

Сипас, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо ҳайати намояндагони ширкатҳои пешрафтаи ИМА мулоқот анҷом дод.

Дар вохӯрӣ президент ва раиси Эксимбонки ИМА Ҷон Ёванович, директори иҷроияи Корпоратсияи байналмилалии рушди молиявӣ (DFC) Бен Блэк, раиси Палатаи савдои ИМА – Ўзбекистон Кэролин Лэмм, инчунин роҳбарони корпоратсияҳои "Air Products", "Cove Capital", "Templeton Global Investments", "Boeing", "77 Construction", "BlackRock", "FLS", "Visa", "JP Morgan", "Meta", "GULF" ва вакилони як қатор ширкатҳои дигар иштирок карданд.

Сарвари давлати мо бо қаноатмандӣ таъкид намуд, ки ин мулоқот идомаи анъанаи накӯе мебошад, ки солҳои охир ба вуҷуд омадааст ва далели афзоиши таваҷҷуҳи доираҳои соҳибкории ИМА ба густариши фаъолият дар Ўзбекистон аст.

Таъкид гардид, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ яке аз нуқтаҳои такягоҳиву асосии шарикии стратегии байни Ўзбекистон ва ИМА ба шумор мераванд.

Сарвари мамлакат як қатор самтҳои муҳимро, ки ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии байни ду кишвар нигаронида шудаанд, муайян намуд.

Ба пешбурди лоиҳаҳои мушаххас ҷиҳати азхудкунӣ ва коркарди маъданҳои муҳим, энергетика, металлургия, молия, зеҳни сунъӣ, технологияҳои рақамӣ ва дигар бахшҳо диққати махсус дода мешавад.

Роҳбарони ширкатҳои бузурги ИМА барои фароҳам овардани шароити мусоид ба фаъолияти босамари сармоягузорон ба Президенти Ўзбекистон изҳори сипос намуда, пешниҳод ва нақшаҳои мушаххаси худро баён карданд.

Дар анҷоми суҳбати гирди миз маросими мубодилаи ҳуҷҷатҳои дуҷониба бо ширкатҳои пешрафтаи ИМА баргузор гардид.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд директори иҷроияи ширкати "Air Products" Эдуардо Менезесро пазируфт.

Бо ин ширкати ИМА, ки ба бунёди корхонаҳои саноатии дорои технологияҳои баланд дар мамлакат фаъолона сармоягузорӣ мекунад, масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд баррасӣ гардиданд.

"Air Products" дар истеҳсол ва интиқоли газҳои саноатӣ яке аз ширкатҳои пешсафи ҷаҳон ба шумор рафта, арзиши бозории ширкат аз 60 миллиард доллари ИМА гузаштааст. Ширкат ҳамасола дар зиёда аз 50 кишвари ҷаҳон беш аз 200 миллион тонна гази саноатӣ истеҳсол намуда, шабакаеро идора мекунад, ки қариб 750 иншооти истеҳсолиро фаро мегирад.

Алҳол ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ширкат ба кишварамон аз 1 миллиард доллар афзудааст. Лоиҳаҳои коркарди газҳои саноатӣ дар корхонаи "GTL Uzbekistan", истеҳсоли гидроген дар заводи коркарди нафти Фарғона ва истеҳсоли гази моеъи карбон (диоксиди карбон) дар Ҷамъияти саҳҳомии "Навоийазот", ҳамчунин, барномаҳои таълимӣ дар шаҳрҳои Тошканд ва Қаршӣ амалӣ шудаанд.

Пас аз анҷоми мулоқот, барои суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳои нав бо иштироки ширкат дар асоси "харитаи роҳ" тавофуқ ба даст омад.

**ЎзА.**

# МУЛОҚОТҲОИ САМАРАБАХШ ДАР ДОИРАИ ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САРМОЯГУЗОРИИ ТОШКАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода дар оғози мулоқот ба роҳбари давлати мо саломи самимӣ ва орзуҳои накӯи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро расонид.

Масъалаҳои муҳими таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳампаймонии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар доираи татбиқсозии тавофуқоте, ки дар сатҳи олӣ ба даст омадаанд, баррасӣ гардиданд.

Рушди босуръати шарикии дуҷониба дар тамоми самтҳо бо қаноатмандӣ таъкид гардид. Ҳаҷми гардиши мол пайваста меафзояд, лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ ва хоҷагии об дар марҳалаи фаъоли татбиқ қарор доранд.

Ҳамчунин аҳамияти таҳияи ташаббусҳои нав, аз ҷумла дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои байниминтақавӣ ва мубодилаҳои фарҳангиву гуманитарӣ таъкид гардид.

Дар вохӯрӣ бо Сарвазири Ҷумҳурии Озарбойҷон Алӣ Асадов роҳбарони ширкатҳои “PASHA Holding”, “Neqsol Holding”, “AzerGold”-и Озарбойҷон, инчунин, Бонки байналмилалии Озарбойҷон низ иштирок намуданд.

Дар оғози суҳбат Алӣ Асадов ба роҳбари давлати мо саломи самимӣ ва орзуҳои неки Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиевро расонид.

Роҳбари кишварамон, дар навбати худ, халқи Озарбойҷонро ба муносибати ҷашни Рӯзи наҷоти миллӣ, ки дирӯз баргузор гардид, табрик гуфт.

Масъалаҳои муҳими густариш ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ, шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Ӯзбекистон ва Озарбойҷон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Равобити фаъолона дар ҳамаи сатҳҳо бо қаноатмандӣ зикр гардид. Аз аввали соли ҷорӣ ҳаҷми гардиши мол 40 фоиз афзудааст. Дар соҳаҳои сохтмон, энергетика, саноати кӯҳкорӣ, геология, логистика, сайёҳӣ ва дигар бахшҳо лоиҳаҳои ҳамкорӣ бомуваффақият амалӣ мешаванд.

Ҳукуматҳои ду кишвар аҳамияти ҳамаҷониба ва босифат омода кардани рӯзномаи иқтисодии ҳамоиши навбатии сатҳи олиро таъкид намуданд.

Дар ин замина таъмини натиҷабахш гузаронида шудани ҷамъомади навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ ва Форуми минтақаҳо муҳим арзёбӣ гардид.

Сарвазири Ҷумҳурии Беларус Александр Турчин дар оғози мулоқот ба роҳбари давлати мо саломи самимӣ ва таманноҳои накӯи Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенкоро расонид.

Масъалаҳои муҳими густариши минбаъдаи муносибатҳои шарикии бисёрҷанбаи Ӯзбекистон ва Беларус аз нигоҳи омодагӣ ба чорабиниҳои минбаъдаи сатҳи олӣ баррасӣ шуданд.

Натиҷаҳои самарабахши ҷамъомади Комиссияи байниҳукуматӣ, ки моҳи майи соли ҷорӣ дар вилояти Тошканд баргузор шуда буд, бо мамнуният зикр гардид.

Ҳаҷми гардиши молу маҳсулот аз аввали соли ҷорӣ 32 фоиз афзоиш ёфта, ба таври устувор зиёд мешавад. Дар соҳаҳои кишоварзӣ, мошинсозӣ ва дигар бахшҳо . лоиҳаҳои ҳамкорӣ амалӣ мешаванд.

Таъкид гардид, ки андешидани чораҳои ҳамоҳангшуда ҷиҳати густариши минбаъдаи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, инчунин фаъолсозии робитаҳои фарҳангиву гуманитарӣ ва ҳамкориҳои байни минтақаҳо аҳамияти бузург доранд.

**ӮзА.**



*Дар ҶММ «Adonis Trading Textile», ки дар ҳудуди маҳаллаи Берунии ноҳияи Уйчии вилояти Намангон фаъолият дорад, як қатор лоиҳаҳои сармоявии истиқболнок ба ҳаёт татбиқ карда мешаванд.*

*Корхона дар ибтидо матоъҳои нобофта истеҳсол кунад, алъон бо нахи сунъӣ маҳсулоте низ мебарорад, ки ҷои воридотро гирифта метавонанд. Дар натиҷа, наздик ба 60 нафар ҷойи нави корӣ ташкил карда шуд.*

***Дар акс:** дар ҶММ «Adonis Trading Textile»-и ноҳияи Уйчии вилояти Намангон.*

***Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

# ДАР РОБИТАҲОИ ӮЗБЕКИСТОН ВА АЛБАНИЯ ДАРҲОИ ИМКОНИЯТҲОИ НАВИ ИҚТИСОДӢ ВА СИЁСӢ БОЗ МЕШАВАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

16 июн дар қароргоҳи «Кӯксарой» маросими истиқболи расмии Президенти Ҷумҳурии Албания Байрам Бегай баргузор гардид.

Дар майдони назди қароргоҳ қаровули фахрӣ саф ороcт. Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев меҳмони олимақомро самимона истиқбол намуда, ба шоҳсуфа даъват кард.

Дар иҷрои оркестри ҳарбӣ сурудҳои миллии Ӯзбекистон ва Албания садо доданд. Сарони ду давлат аз назди қаровули фахрӣ гузашта, аъзои ҳайати расмиро хайрамақдам гуфтанд.

Сипас, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Албания Байрам Бегай дар қароргоҳи «Кӯксарой» бо иштироки ҳайатҳои расмӣ музокирот анҷом доданд.

Зимни мулоқот дурнамои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои амалӣ байни ду давлат баррасӣ гардиданд.

Дар оғози вохӯрӣ Сарвари давлати мо таъкид намуд, ки ин ҳамоиши сатҳи олӣ, ки дар таърихи муносибатҳои Ӯзбекистон ва Албания бори аввал баргузор мегардад, дорои аҳамияти хоса буда, метавонад ҳамкориҳои дуҷонибаро ба сатҳи сифатан нав барорад.

Фаъол шудани муколамаи сиёсӣ ва равобит дар сатҳҳои гуногун бо қаноатмандӣ зикр гардид. Ҷонибҳо дар доираи СММ ва дигар сохторҳои байналмилалӣ ҳамдигарро пайваста дастгирӣ мекунанд.

Ба масъалаҳои густариши гардиши мол, таҳияи барномаи густурдаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои маҷмааи агросаноатӣ, энергетикаи «сабз», геология, технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои муҳим диққати махсус зоҳир карда шуд.

Имконияти истифодаи бандари Дурреси Албания ҳамчун маркази логистикӣ барои баровардани маҳсулоти Ӯзбекистон ба бозорҳои Аврупои Ҷанубӣ ва баҳри Миёназамин мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Ҳамчунин аҳамияти тавсеаи заминаҳои ҳуқуқӣ барои ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ махсус таъкид шуд.

Бо мақсади пешбурди рӯзномаи иқтисодии ҳамкорӣ ҷонибҳо аз рӯйи таъсиси Комиссияи байниҳукуматӣ ва соли ҷорӣ дар шаҳри Тошканд гузаронидани нахустин ҷамъомади он ба мувофиқа расиданд.

Дар соҳаи фарҳангӣ ва гуманитарӣ ҷонибҳо баргузории Рӯзҳои фарҳанг, намоиши филмҳо, намоишгоҳ ва сафарҳои эҷодиро муҳим арзёбӣ карданд.

Роҳбарон аз рӯйи масъалаҳои муҳими рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ низ мубодилаи афкор намуданд.

Пас аз анҷоми музокироти сатҳи олӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Албания Байрам Бегай дар Хиёбони меҳмонони фахрӣ якҷо дарахт шинонданд.

Ин маросим рамзи таҳкими минбаъдаи дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни халқҳои ду мамлакат, инчунин оғози марҳалаи нави рушди муносибатҳои бисёрҷанбаи Ӯзбекистон ва Албания гардид.

Ҳамин рӯз меҳмони олимақом якҷо бо ҳамсараш ба Боғи «Ӯзбекистони Нав» ташриф оварда, дар пояи муҷассамаи Истиқлол гулчанбар гузошт.

Муҷассама, ки пайванди ногусастании гузашта ваояндаи кишвари моро ифода менамояд, аз устувор гардидани маънавияти баланд ва арзишҳои нек дар кишвари мо гувоҳӣ медиҳад, решаҳои таърихӣ ва иқтидори рушди Ватанамонро бараъло инъикос мекунад.

Пас аз музокироти сатҳи олӣ дар қароргоҳи «Кӯксарой» Президенти Ҷумҳурии Албания ба Самарқанд сафар кард.

Президенти Ҷумҳурии Албания Байрам Бегай шиносоии худро бо Самарқанд аз зиёрати маҷмааи Имом Бухорӣ оғоз намуд.

Шукӯҳу шаҳомати ин маҷмаа, ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев мутобиқ ба мақоми баланди маънавии муҳаддиси бузург ва гирдоварандаи ҳадисҳо, ки дар ҷаҳони ислом ҷойгоҳи хос дорад, аз нав бунёд гардидааст, инчунин фазои маънавию маърифатии дар он ҳукмфармо ба меҳмони олиқадр таассуроти амиқ бахшид. Махсусан, осорхонаи инноватсионӣ, ки дар он ҳаёт ва мероси илмии Имом Бухорӣ ба намоиш гузошта шудааст, боиси ҳайрати роҳбари Албания гардид.

Президенти Ҷумҳурии Албания ҳамчунин мақбараи Амир Темур, маҷмааи Регистон ва осорхона-расадхонаи Мирзо Улуғбекро зиёрат кард.

Зимни шиносоӣ бо ин ёдгориҳои меъморӣ ба меҳмони олиқадр дар бораи иқтидори созандагии аҷдодони мо, нақши Самарқанд дар рушди тамаддуни башарӣ ва корҳои дар кишвар ҷиҳати ҳифз ва нигоҳдории мероси таърихию фарҳангӣ анҷомёфта маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Президенти Ҷумҳурии Албания зимни боздид аз маҷмааи таърихию этнографии «Шаҳри абадӣ», воқеъ дар ҳудуди Маркази байналмилалии сайёҳии Самарқанд, бо намунаҳои ҳунарҳои мардумӣ ва маҳсулоти ҳунармандони миллӣ шинос шуд. Ӯ таъкид намуд, ки Ӯзбекистони Нав, ки соҳиби таърихи ғанӣ мебошад, таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба марҳилаи муҳими рушди худ ворид шудааст.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Албания Байрам Бегай ба Ӯзбекистон идома дорад.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**хабарнигорони ӮзА.**

***Дар ҷомеаи имрӯза нақши оила дар тарбияи фарзандон, таҳкими арзишҳои миллӣ ва рушди маънавии аҳолӣ хеле муҳим аст. Маҳз оилаҳои солиму устувор барои пешрафти ҷомеа заминаи боэътимод фароҳам меоранд.***

# ХОНАДОНИ НАМУНАВӢ – ИФТИХОРИ МАҲАЛЛА

Дар маҳаллаи Тошканди шаҳри Олмалиқи вилояти Тошканд яке аз чунин хонаводаҳои намунавӣ оилаи Қодир Набиев ба шумор меравад.

Ин оила солҳои зиёд аст, ки бо меҳнатдӯстӣ, ахлоқи ҳамида ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятии маҳалла миёни сокинон обрӯ ва эҳтироми хос пайдо кардааст. Дар ин хонадон эҳтироми калонсолон, ғамхорӣ нисбат ба хурдсолон ва риояи анъанаҳои неки миллӣ ҷойгоҳи махсус дорад.

Сарварони оила бо меҳнати ҳалол рӯзгори худро пеш мебаранд ва фарзандонашонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, донишомӯзӣ ва эҳтиром ба арзишҳои инсонӣ тарбия менамоянд. Фарзандони ин хонавода дар таҳсил ва корҳои ҷамъиятӣ фаъол буда, барои ҳамсолони худ намуна мебошанд.

Қодир зодаи деҳаи Симбулоқи ноҳияи Нурато мебошад. Меҳнатдӯстӣ, оилапарвар ва дӯст доштани арзишҳои миллиро аз падару модари шодравонаш – амаки Ҳасан ва холаи Шакарой омӯхта, тарғибгари забону миллат, китобдӯсту фараҳангдӯст аст.

Ӯ соли 2023 бо тақозои кору вазифа ба Олмалиқ кӯч баст ва ба Комбинати кон-металлургия ба вазифаи электромонтёр ба кор даромад. Дар муддати кӯтоҳ бо ҳамкорон унс гирифт ва имрӯз яке аз ходимони фидоии касби худ мебошад. Дар маҳаллаи бисёрмиллатаи «Тошканд» низ бо оилаи худ пешсаф гардид.

Ҳамсари Қодир Диловар бо ҳаққу ҳамсоя, ки рус, корейс, ӯзбеку қазоқу уйғур мебошанд, чун апаву хоҳар дар муҳити дӯстиву бародарӣ зиндагӣ дорад. «Аз хеши дур ҳамсояи наздик беҳтар аст», мегӯяд Диловар.

Муҳити гарму дӯстонаи оилавӣ, тарбияи дурусти фарзандон ва муносибати эҳтиромомез ба атрофиён боис гардидааст, ки оилаи Набиевҳо дар байни аҳли маҳалла ҳамчун хонадони намунавӣ эътироф гардад. Чунин оилаҳо воқеан, сарвати ҷомеа буда, дар таҳкими сулҳу субот, дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ ва тарбияи насли солим нақши муассир доранд.

Имрӯз таҷрибаи зиндагии оилаи Набиевҳо метавонад барои ҷавонон ва навхонадорон намунаи ибрат бошад. Зеро аз оилаи солим ҷомеаи солим ба вуҷуд меояд. Ба қарибӣ Диловар Набиева барои иштироки фаъолонааш дар корҳои ободонӣ, дастгирии оилаҳои камбизоат, намунаи ибрат будан дар тарбияи фарзандон ва муносибати масъулона ба тарбияи насли баркамол, инчунин барои ғолиб омадан дар даври шаҳрии озмуни «Оилаи намунавии Ӯзбекистони Нав», ки бахшида ба 15 май – Рӯзи байналмилалии оила баргузор гардид, бо Ифтихорнома сарфароз гардонида шуд.

Ҳамзистии миллатҳои гуногун дар маҳалла намунаи дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳаққи ҳамсоягӣ маҳсуб меёбад.

– Дӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ аз арзишҳои муҳимест, ки барои ҳамзистии осоишта замина фароҳам меорад. Вақте сокинони маҳалла фарҳанг, урфу одат ва эътиқоди якдигарро эҳтиром мекунанд, муҳити солим ва созанда ба вуҷуд меояд. Дар чунин шароит кӯдакон аз хурдӣ дар рӯҳияи эҳтиром ба дигарон тарбия ёфта, аҳамияти ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмиро дарк мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои неки маҳалла кӯмаки якдигар аст. Ҳангоми беморӣ, мушкилоти рӯзгор, тӯю маърака ё дигар ҳолатҳои зиндагӣ ҳамсояҳо дасти ёрӣ дароз мекунанд. Ин анъана на танҳо робитаҳои инсониро мустаҳкам месозад, балки ҳисси масъулият ва ҳамбастагиро низ афзун менамояд. Маҳз чунин муносибатҳо боис мешаванд, ки одамон худро дар ҷомеа танҳо эҳсос накунанд.

Падару модар чор писар – Исфандиёр, Дониёр, Нуриддин ва Меҳрангезро дар муҳити якдигарфаҳмӣ, меҳнатдӯстӣ ва маърифатпарварӣ ба камол расонданд ва онҳо имрӯз дар ҷомеа мавқеи ба худ муносиб доранд.

Дар маҷмӯъ, муҳити дӯстӣ, кӯмаки якдигар ва риояи ҳаққи ҳамсоягӣ дар маҳаллаҳо омили муҳими сулҳу субот ва ваҳдати ҷомеа мебошад.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ИФОДАИ АМАЛИИ БАРОДАРӢ ВА ВАҲДАТИ ИНСОНӢ

***Маҳаллаи «Ӯзбекистон». Ин масканест, ки на дар кишвари мо, балки дар ноҳияи Арсузи вилояти Ҳатайи Ҷумҳурии Туркия бунёд гардидааст... Тавре аён аст, заминларзаи харобиоваре, ки моҳи феврали соли 2023 дар Туркия рух дод ва дар таърихи мамлакат ҳамчун яке аз фоҷиабортарин офатҳои табиӣ сабт шуд, дар як қатор минтақаҳои Туркия хисороти азим ба бор овард ва боиси ҳалокати ҳазорон нафар гардид. Садҳо ҳазор оила аз манзилу макон ва наздикони худ ҷудо шуданд. Минтақаҳое, ки ҳаёт дар ҷӯш буд ва рӯзгори обод ҷараён дошт, зери вайронаҳо монданд. Аз ҷумла, вилояти Ҳатай яке аз минтақаҳое буд, ки бештар аз ҳама зарар дид.***




Дӯстон замони ба сар кулфат омадан, дар рӯзҳои вазнин шинохта мешаванд. Дар чунин лаҳзаҳои санҷиш ва мушкил Ӯзбекистон аз аввалинҳо шуда ба халқи бародари турк дасти мадад дароз кард. Дар муҳлати кӯтоҳ 100 нафар наҷотдиҳанда ва 70 нафар корманди тиббии ӯзбекистонӣ ба минтақаҳои осебдида сафарбар шуданд. Дар натиҷаи корҳои ҷустуҷӯйиву наҷотбахшӣ, ки аз ҷониби наҷотдиҳандагони мо анҷом ёфт, 18 нафар наҷот ёфта, қариб 200 нафар ҷабрдидагон аз зери вайронаҳо берун оварда шуданд. Беморхонаи саҳроӣ бошад, ба зиёда аз 4 ҳазор бемор ёрии тиббӣ расонд.

Ин кумак муваққатӣ набуд, балки дар доираи васеъ идома ёфт. Аз ҷониби Ӯзбекистон дар муҳлати кӯтоҳ дар ноҳияи Арсузи вилояти Ҳатай, дар соҳили баҳри Миёназамин, маҷмааи муосири истиқоматӣ бо тамоми инфрасохтори зарурӣ бунёд гардид. Ба ин маскан номи маҳаллаи «Ӯзбекистон» дода шуд.

Дар маҳаллаи «Ӯзбекистон», ки 111,5 гектар майдонро дар бар мегирад, биноҳои баландошёнаи дорои қариб 3000 хонадон бунёд гардиданд. Аз ин миқдор, 24 бинои бисёрошёна бо беш аз 300 хонадон маҳз аз ҷониби Ӯзбекистон сохта шудааст.

Инчунин, дар ҳудуд гулгашти ба номи Шавкат Мирзиёев бо дарозии 2212 метр, кӯчаи Тошканд, кӯчаи Самарқанд, масҷиди ҷомеъи Бухоро бо ғунҷоиши 500 нафар, Боғи дӯстии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ошхонаи маҳалла, майдонча ва гӯшаҳои бозӣ барои кӯдакон бунёд шудаанд. Бо номи шаҳрҳои таърихии мо номгузор шудани кӯчаҳо ва масҷиди маҳалла – таҷассумгари ягонагии решаҳои таърихӣ, арзишҳо ва фарҳанги муштарак, бародариву ҳамҷиҳатӣ ва ҳамбастагии ду халқ мебошад.

Дар доираи сафари расмии Сарвари давлатамон ба шаҳри Анқара дар моҳи январи соли ҷорӣ, Президентҳои Ӯзбекистон ва Туркия дар маросими рамзии ифтитоҳи маҷмааи истиқоматии «Ӯзбекистон» иштирок карда буданд.

13 июни соли ҷорӣ ҳайати намояндагони Ӯзбекистон таҳти роҳбарии Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Нуриддинҷон Исмоилов ба вилояти Ҳатай сафар намуда, дар маросими тантанавии ифтитоҳи маҳаллаи «Ӯзбекистон» иштирок намуд.

Дар чорабинии идона Раиси Палатаи қонунгузорӣ, Раиси Маҷлиси бузурги миллии Ҷумҳурии Туркия Нуман Куртулмуш, Сафири Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Туркия Илҳом Ҳайдаров, ҳокимони вилоятҳои Хоразм ва Ҳатай ва дигарон ба сухан баромада, махсус таъкид карданд, ки солҳои охир бо иродаи сиёсии президентҳои Ӯзбекистон ва Туркия муносибатҳои дуҷониба боз ҳам густариш ёфта, фаъолтар мегарданд.

Намояндагони кишвари бародар ислоҳоти Ӯзбекистони Нав, нақши кишвари мо дар рушди тамаддун ва фарҳанги исломӣ, инчунин мероси ғании ниёи бузурги моро алоҳида эътироф намуда, ба қадамҳои устувор, ки дар роҳи Эҳёи сеюм гузошта мешаванд, комёбиҳо таманно карданд.

Маҳаллаи «Ӯзбекистон» ва гулгашти Шавкат Мирзиёев, ки дар Ҳатай қад афрохтанд, рамзи эътимоди мутақобил, ҳамҷиҳатӣ ва дӯстиву бародарии ду халқ мебошанд. Имрӯз дар ин маҳал ҳаёти нав, орзуву умедҳои нав, талошҳои тоза ва насли нав шакл мегиранд. Хандаи шӯху шодонаи кӯдакон, хушҳолии сокинон, инчунин, масҷид, ки мардумро ба ибодат фаро мехонад, манзараи зебои маконест, ки дубора ҳаёт оғоз ёфтааст.

Дар доираи чорабинӣ намояндагони ҳайати Ӯзбекистон бо корҳои созандагии ҳудуди маҳалла аз наздик шинос шуданд. Аз хонадонҳои сокинон дидан карда, бо мардум суҳбат оростанд.

Дар ҷашни Наврӯзи соли ҷорӣ як гурӯҳ сокинони Ҳатай бо даъват ва ташаббуси Президенти мо ба Ӯзбекистон сафар карда буданд. Меҳмонон аз шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Андиҷон дидан намуда, дар тантанаҳои идона иштирок карданд. Дар байни онҳо хонум Ҷамила Улус низ буд.

Хонум Ҷамила, ки ҳоло дар маҳаллаи «Ӯзбекистон» истиқомат мекунад, меҳмоннавозии халқи ӯзбекро бо эҳтиром ёдовар шуда, моро низ ба хонадони нави худ ва як финҷон қаҳваи туркӣ даъват кард. Зимни суҳбат бо хонум, ӯ борҳо миннатдории худро аз роҳбарияти Ӯзбекистон, халқи бародари ӯзбек изҳор кард.

Дар ҳақиқат, маҳаллаи «Ӯзбекистон», ки дар Ҳатай бунёд гардидааст, ба рамзи меҳру муҳаббат, бародарӣ, рафоқат, эътимоди сиёсӣ ва наздикии амиқи стратегии ду халқ дар рӯзҳои душвор табдил ёфтааст.

Ин макони ҷуғрофӣ, ки номҳои марбут ба Ӯзбекистон сабт гардидааст, барои дар қалби наслҳои оянда пойдор намудани ваҳдати мутақобил замина хоҳад гузошт.

**Муҳтарама КОМИЛОВА,**
**мухбири ӮзА.**
**Суратгир:**
**Ш. ТОҲИРОВ. (ӮзА).**

# АЗ АФЗОИШИ РАҚАМҲО ТО РУШДИ СИФАТ

**_Солҳои охир соҳаи маориф дар Ӯзбекистон ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ислоҳоти густурда, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии таълим, такмили инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон тадриҷан натиҷаҳои назаррас ба бор меоранд. Нишондиҳандаҳои ҷамъбастии таҳсили соли ҷорӣ дар вилояти Навоӣ далели равшани онанд, ки таҳаввулоти сифатӣ дар соҳаи маориф на танҳо дар ҳисобот, балки дар дастовардҳои воқеии хонандагон низ таҷассум меёбанд._**

Ҳангоми арзёбии вазъи соҳа аксаран таваҷҷуҳ ба омор равона мешавад. Аммо коршиносон таъкид мекунанд, ки муҳим на танҳо афзоиши нишондиҳандаҳо, балки мазмун ва сифати онҳо мебошад. Дар ҳамин замина натиҷаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят аҳамияти хос доранд.

Агар дар поёни соли таҳсили гузашта 321 нафар хатмкунанда бо натиҷаҳои баланд пеш аз мӯҳлат ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар асоси грант қабул шуда бошанд, пас дар соли ҷорӣ ин нишондиҳанда ба 484 нафар расидааст. Ба ибораи дигар, дар давоми як сол шумораи донишҷӯёни оянда, ки бидуни интизори имтиҳонҳои асосӣ ба муассисаҳои олӣ роҳ ёфтаанд, 163 нафар зиёд гардидааст.

Ин рақамҳо пеш аз ҳама аз беҳтар гардидани сифати омодагии хонандагон шаҳодат медиҳанд. Зеро қабул шудан ба муассисаҳои олӣ дар асоси дастовардҳои пешакӣ танҳо барои онҳое имконпазир аст, ки донишу маҳорати худро дар озмуну олимпиадаҳо ва низомҳои байналмилалии баҳогузорӣ собит кардаанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими сатҳи рушди маориф имконияти рақобатпазирии хатмкунандагон дар фазои байналмилалӣ мебошад. Дар ҷаҳони муосир донишгоҳҳои пешсафи ҷаҳон на танҳо марказҳои таълим, балки муҳаррикҳои асосии рушди илм, технология ва иқтисод ба ҳисоб меравaнд.

Дар соли таҳсили гузашта аз муассисаҳои таълимии вилояти Навоӣ 17 нафар донишомӯз ба донишгоҳҳои шомили панҷсадгонаи беҳтарини ҷаҳон роҳ ёфта буданд. Имсол бошад, ин нишондиҳанда ба 40 нафар расидааст. Яъне шумораи ҷавононе, ки ба муассисаҳои бонуфузи байналмилалӣ қабул шудаанд, беш аз ду баробар афзудааст. Ин нишон медиҳад, ки сатҳи омодагии хонандагони вилоят имрӯз ба меъёрҳои ҷаҳонӣ наздик шуда истодааст. Ҳамзамон, чунин дастовардҳо обрӯйи низоми таълими минтақа ва кишварро дар арсаи байналмилалӣ боло мебардоранд.

Солҳои охир дар низоми таълим ба гирифтани сертификатҳои миллӣ ва байналмилалӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Ин ҳуҷҷатҳо танҳо санади тасдиқкунандаи дониш нестанд, балки нишондиҳандаи сатҳи воқеии қобилияту малакаҳои хонандагон маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳои соли ҷорӣ дар ин самт низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Агар соли гузашта хонандагони синфҳои 10-11 дар маҷмӯъ 6349 сертификат ба даст оварда бошанд, пас имсол шумораи онҳо ба 14 ҳазору 500 адад расидааст.

Чунин афзоиш нишон медиҳад, ки ҷавонон бештар ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, технологияҳои иттилоотӣ, фанҳои дақиқ ва дигар самтҳои афзалиятнок рӯ меоранд. Маҳз ҳамин малакаҳо дар бозори меҳнати асри XXI талаботи бештар доранд. Дастовардҳои бадастомада натиҷаи кори якрӯза нестанд. Пушти ҳар як медал, сертификат ва роҳхат ба донишгоҳ заҳмати омӯзгорон, дастгирии волидон ва меҳнати худи хонандагон қарор дорад. Дар вилояти Навоӣ солҳои охир ба баланд бардоштани маҳорати омӯзгорон, ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълим ва истифодаи технологияҳои рақамӣ диққати махсус дода мешавад. Барномаҳои омӯзишӣ, курсҳои такмили ихтисос ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои пешқадами таълимӣ барои баланд шудани сифати дарсҳо замина фароҳам овардаанд.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки муҳимтарин сарвати ҳар давлат на захираҳои табиӣ, балки неруи инсонӣ мебошад. Аз ин рӯ, рушди маориф ҳамчун сармоягузории дарозмуддат баояндаи миллат арзёбӣ мешавад. Натиҷаҳои таҳсили соли ҷорӣ дар вилоят нишон медиҳанд, ки ин сармоягузорӣ самараи худро медиҳад. Афзоиши шумораи донишҷӯёни грантӣ, қабули хатмкунандагон ба донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон ва зиёд шудани сертификатҳои байналмилалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар минтақа насли нави рақобатпазир, соҳибмаърифат ва ҷавобгӯ ба талаботи замон ташаккул меёбад.

Имрӯз дастовардҳои соҳаи маорифи вилояти Навоӣ танҳо маҷмӯи рақамҳо нестанд. Онҳо нишонаи рушди сифатӣ, болоравии сатҳи дониш ва васеъ гардидани имкониятҳои ҷавонон мебошанд

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ҲУРМАТИ ХУРДУ КАЛОНРО САЗОВОР ШУДААСТ



Пизишки бемориҳои дил аз шаҳри Фарғона Шавкат Неъматов Рӯзи ҷаҳонии дилро хеле хуб дар ёд дорад. Он соли 1999 таъсис ёфтааст ва ҳар сол 29 сентябр васеъ таҷлил мегардад.

– Вақте ки бахши хуҷандии Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ Синоро хатм кардам, дар назди худ мақсад гузоштам, ки тамоми донишу маҳоратамро ба табобати ин намуди бемории одамон равона мекунам. Барои ҳамин панҷ соли аввали фаъолиятамро ҳамчун пизишки гурӯҳи сайёри ташхиси бемориҳои дили Маркази илмии ҷумҳуриявии ёрии таъҷилии вилоят сипарӣ намудам. Баъд солҳои 2005-2007 вазифаи ординатори калони шуъбаи кардиологияи таъҷилӣ ва баҳушовариро бар дӯш доштам, – иброз медорад Шавкат Неъматов.

Ба гуфтаи ӯ яке аз усулҳои беҳтарини табобат пешгирии бемориӣ мебошад, ки аксарият онро дуруст риоя намекунанд, дар натиҷа ба пизишкон дар ҳолати вазнин муроҷиат мекунанд. Шавкат Неъматов мегӯяд, набояд фаромӯш кард, ки баланд бардоштани огоҳии мардум дар бораи бемориҳои дилу раг, пешгирӣ ва табобати онҳо аз омилҳои муҳимтарин ба шумор меравад.

Аз сӯйи дигар, истифодаи доираи васеи усулҳо ба як пешрафти воқеӣ дар табобати бемориҳои дилу раг табдил ёфтааст, ки ҷарроҳиҳои мураккаби кушодаро аз байн бурда, барқароршавии саломатии беморонро суръату вусъат мебахшад. Инро мо дар таҷрибаи ҳамешагӣ мушоҳида мекунем ва ба шаҳру ноҳияҳо баромада, доир ба фарҳанги тиббӣ суҳбату мулоқотҳо баргузор менамоем.

**– Чанд сол муқаддам давраи барои кормандони соҳаи тиб мушкилтарин паси сар шуд ва он ҳам марбут ба пахшу паҳни КОВИД-19 мебошад. Албатта, ёдоварӣ аз он давра барои шумо низ чандон хушоянд нест?**

– Бале, дар масири таърих бори аввал шудааст, ки дар баробари беморони вазнин даҳҳову садҳо пизишку парастори шифохона бар асари сироятшавӣ аз чунин навъи беморӣ ҷони худро бохтанд. Он даврае маҳсуб меёбад, ки пизишкони рӯйи оламро масъулиятшинос кард ва аз имтиҳони ҷиддӣ гузаронд. Дар ҳақиқат, касе аз табибон дар ғами ҷони худ набуд ва талош менамуд, ки ҷони беморро аз хатар наҷот бахшад. Воқеан, ба ёд овардани он рӯзҳо бароямон сахту сангин аст.

Коронавирус тамоми соҳаҳои тандурустии дунёро ғофилгир кард. Зеро дар баъзе маворид пизишкони босалоҳият ва зӯру тавоно низ дар барқарор намудани саломатии беморони мубталои вирус оҷиз монданд... Хушбахтона, ҳамаи он паси сар шуд ва ҳаёт дубора ба эътидол омад.

Шавкат Неъматов аз соли 2017 то кунун дар Маркази илмии клиникии реаниматологияи «Moscow Medical»-и шаҳри Фарғона, ки марбути Русия мебошад, вазифаи мудири шуъбаи баҳушовариро анҷом медиҳад. Вай мегӯяд, мисли соҳиби касбу кори гуногун дар ҳар панҷ сол аз курси такмили ихтисос мегузарад. Ҳамсуҳбати мо муътақид аст, ки бидуни такмили ихтисос ва омӯзиши пай дар пай аз давру замон ақиб мондан мумкин аст.

– Бароям такмили касб дар клиникаи маъруфи «Medanta Medeciti»-и Деҳлӣ дар соли 2013 хотирмон ва боровар буд. Чунки мутахассисони он соҳиби таҷрибаи ғанӣ будаанд ва аз ҳар кадом шунавандаи курс тақозо менамуданд, ки аз вақту имконияти барояшон додашуда фаровон истифода баранд. Баъди ҳашт сол аз курси такмили ихтисос дар Институти тадқиқотии эҳёгарии умумӣ ба номи академик Неговскийи Маскав гузаштам ва таҷрибаҳои аз мутахассисони варзидаи соҳаи кардиология андӯхтаамро дар амал татбиқ менамоям, – изҳор медорад Шавкат Неъматов, – иштирок дар як қатор конгресс ва симпозиумҳо дар шаҳрҳои Маскави Русия ва Ново-Местои Словения, ки кардиологҳои варзидаи мамолики зиёдро гирдиҳам овард, махсусан барои афзоиши донишу маҳорати пизишкони ҷавон ҳамчун манбаи муътамад хидмат хоҳанд кард.

**– Шумо ғайр аз табобати беморон ба тадрис низ машғулед. Дуруст аст?**

– Бале, дар ин маврид даъвати маъмурияти Донишкадаи тиббӣ-тандурустии иҷтимоии Фарғонаро бо хушҳолӣ пазируфтам. Ҳоло дар ин донишкада ба ҳайси устоди кафедраи пропедевтикаи бемориҳои дохилӣ ба донишҷӯён дарс медиҳам. Ин маро водор месозад, ки бо навгониҳои илму фан ва таълиму тадриси соҳаи тандурустӣ аз наздик ошно шавам ва китобҳоро дубора варақ занам.

Шавкат Неъматов мегӯяд, шавқу рағбати шифокоршавӣ ду писарашро низ ба худ ром намуд ва Шукрулло баъди хатми Академияи тиббии Тошканд пизишки поликлиникаи оилавӣ мебошад. Писари сеюм – Оғабек бошад, дар курси панҷуми ин академия таҳсил мекунад. Аммо Санҷарбек соҳаи ҳуқуқшиносиро интихоб кардааст ва ҳоло магистранти Донишгоҳи ҳуқуқшиносии Тошканд мебошад. Духтари ягонаи оила – Садаф дар мактаби таълимоти умумӣ таҳсил мекунад.

Ба гуфтаи падар Садаф ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ шавқи баланд дорад, вале розии худро ҳанӯз ба падару модар ошкор накардааст, ки баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба кадом муассисаи таҳсилоти олӣ хоҳад супурд.

– Дар ин замона барои ҷавонони хуштолеъ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Кас мехоҳад дубора ҷавон шаваду аз чунин шароит баҳра барад. Ману модараш тарафдори он ҳастем, ки фарзандон роҳи дуруст интихоб кунанд ва соҳиби касбу кори дилхоҳи худ шаванд, – мегӯяд бо табассум Шавкат Неъматов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Зинаи ҷумҳурии мусобиқаи ҳарбиву варзишии «Шуҷоат ва ғайрат», ки дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон баргузор гардид, барои тарбияи насли наврас дар руҳи ватанпарварӣ, ҷасорат ва фидокорӣ аз омили муҳим ба ҳисоб меравад. Чорабинии мазкур на танҳо мусобиқаи варзишӣ, балки намоён намудани салоҳияти маънавӣ, бардамии ҷисмонӣ ва ҳисси дахлдорӣ ба Ватан мебошад. Тараққиёти имрӯзаи Ӯзбекистони Нав ба ҷавонони соҳибилму сиҳҳатманд ва ватанпарвар вобастааст. Аз ин рӯ, дар кишварамон барои ҳамаҷониба солиму нирӯманд ба камол расидани ҷавонон, пурмазмун ташкил намудани вақти холии онҳо корҳои назаррас бурда мешаванд.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***



# ЁДКАРДИ ОЛИМИ АРҶМАНД




**_Академик Абдурасул Эргашевро, ки фарзанди як оилаи оддии тоҷик аст, дар ноҳияи Деҳқонобод хуб мешиносанд. Ӯ соли 1951 дар ин ноҳия таваллуд шудааст. Кӯдакии худро бо душвориҳо паси сар намудааст. Солҳои 1959-1969 дар мактаби таълими умумии рақами 1-уми ноҳия бо баҳои аъло таҳсил кардааст. Ҳанӯз аз айёми мактабхонӣ шеърнависиро машқ мекард ва орзу дошт, ки дар оянда шоир шавад. Аммо рӯзе тасодуфан дар маҷалла мақолаеро дар бораи олими машҳур Тошмуҳаммад Қорӣ-Ниёзӣ хонда, фикраш тағйир ёфт. Ба олим, ки дар ҷаҳон шуҳратёр гардида буд, ҳавас намуда, бо худ азм кард, ки «Ман ҳам олим мешавам!»_**

Ҳангоми таҳсил дар мактаб дар олимпиадаҳои фаннӣ аз фанҳои физика ва математика фаъол иштирок мекард. Соли хатми мактаб аз фанни физика дар Олимпиадаи умумииттифоқӣ иштирок намуда, дар сатҳи минтақаи Осиёи Миёна натиҷаи беҳтаринро ба даст овард. Соли 1969 мактабро бо медали тилло хатм карда, ба факултаи механика-математикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд дохил шуд.

Олими оянда аз курси сеюм бо соҳаи комилан нав – «Назарияи функсияҳои комплексии дискретӣ» машғул шуд. Бояд гуфт, ки он замон ин назария акнун ба илми математика ворид шуда буд ва дар Иттиҳоди шӯравӣ теъдоди ангуштшумори олимон, дар кишварҳои Англия, Олмон, Лаҳистон ва Ҷопон танҳо математикҳои маъруф бо он машғул буданд. Дар он айём аксар муҳаққиқон таҳти роҳбарии доктори илмҳои физика-математика, профессор Лев Волковский дар ин самт кори таҳқиқотӣ анҷом медоданд.

Назарияи нав Абдурасул Эргашевро дар ҳадде ба худ ҷалб карда буд. Ҳангоми хатми донишгоҳ дар мавзӯи марбут ба ин соҳа рисолаи дипломии худро бомуваффақият ҳимоя намуд. Ин кори илмӣ аз ҷониби Вазорати таҳсилоти олии ҷумҳурӣ баланд арзёбӣ гардида, А.Эргашев бо дипломи махсус мукофотонида шуд.

Бо як сухан, соҳаи нав тамоми ҳастии Абдурасул Эргашевро фаро гирифт ва ӯро ҳеҷ ором намегузошт. Мехост дар ин соҳа навгониҳои боз ҳам бештар эҷод намояд. Тӯли солҳо бо таҳқиқи назарияи муодилаҳои дискретӣ машғул шуда, ба офаридани методи Е-табдилҳо дар ҳалли муодилаҳои дискретии бисёртағйирёбанда, инчунин, якчанд модели он дар бахшҳои гуногун муваффақ гардид.

Соли 1983 дар фаъолияти илмии Абдурасул Эргашев гардиши бузург ба амал омад. Ҳамон сол таҳти роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Л. Аҳмадов ва номзади фанҳои физика-математика, дотсент А. Чумаков дар мавзӯи «Моделсозии равандҳои интиқоли бор бо автомобил ва вертолётҳо дар объектҳои хаттии дискретӣ» рисолаи номзадии худро дифоъ намуд. Соли 1991 бошад, рисолаи доктории бомуваффақият ҳимоя карда, ба унвони илмии доктори илмҳои иқтисодӣ сазовор гардид.

Корҳои илмие, ки аз ҷониби олими барҷаста А.Эргашев анҷом ёфтаанд, танҳо дар рӯйи коғаз намондаанд. Тадқиқотҳои ӯ бевосита дар амал татбиқ шудаанд ва ҳоло дар шароити душвору ҳолатҳои фавқулодда дар Сибири Ғарбӣ ва Шарқӣ, Шарқи Дур ва кишварҳои Осиёи Марказӣ истифода мешаванд.

А.Эргашев тӯли солҳо дар Институти кибернетикаи Академияи илмҳои Ӯзбекистон дар вазифаҳои муҳандис, муҳандиси калон, конструктори пешбар, ходими илмӣ ва ходими калони илмӣ фаъолияти пурсамар намуда, дар рушди илму фан саҳми арзанда гузошт. Соли 1991 узви мухбирии Академияи муҳандисии Ӯзбекистон интихоб гардид ва соли 1992 узви ҳақиқии академия шуд. Ниҳоят, иқтидори илмии олим дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардида, соли 2002 ба унвони академики Академияи байналмилалии муҳандисӣ мушарраф шуд. Ҷустуҷӯҳои пайвастаи олим дар роҳи илм ба ӯ обрӯю эътибор овард.

Эргашев дар давоми солҳо ба ҳайси президенти шуъбаи Академияи муҳандисии Ӯзбекистон дар Қашқадарё ва профессори Донишкадаи муҳандисиву иқтисодии Қаршӣ фаъолият намуда, дар рушди илму фан саҳми арзанда гузошт, олимони ҷавонро дастгирӣ кард ва барои тарбияи мутахассисони баландихтисос кӯшишҳои зиёд ба харҷ дод. Илова бар ин, чанд сол ба ҳайси раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони вилоят фаъолият намуда, дар таҳкими дӯстӣ ва ҳамҷиҳатии байни миллатҳо, инчунин тарғиби урфу одат, анъана ва арзишҳои халқи тоҷик саҳми арзанда гузошт.

Мавсуф муаллифи як қатор китобҳои илмӣ мебошад. Даҳҳо докторон ва номзадҳои илм таҳти роҳбарии ин олими заковатманд корҳои илмии худро дифоъ кардаанд.

Меҳнати ҳалол ва фидокоронаи инсони фурӯтану хоксор, олиҷанобу дарёдил Абдурасул Эргашев дар рушди илму фан ва пешрафти ҷомеа ба таври шоиста арзёбӣ гардида, мавсуф бо ордени «Дӯстлик» мукофотонида шудааст. Ҳанӯз тақрибан сӣ сол муқаддам бо ташаббуси ҳокимияти ноҳия осорхонаи олим ташкил гардида буд.

Абдурасул Эргашев соли 2021 дар 70-солагӣ аз олам чашм пӯшид ва аз ӯ номи неку корҳои бузурги илмӣ мерос монд.

Чанде пеш дар мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақам 5-уми ноҳияи Деҳқонобод ба муносибати 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи байналмилалии муҳандисӣ Абдурасул Эргашев маҳфили ёдбуд баргузор гардид.

Дар чорабинӣ намояндагони мақомоти давлатӣ ва илмӣ, аз ҷумла мудири котиботи ҳокимияти вилояти Қашқадарё Фирдавс Латторов, роҳбари шуъбаи минтақавии Бунёди ҷамоатии дастгирии ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии назди Олий Маҷлис Фарҳод Асадов, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов Ҷумъа Ҳамроев, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Имомназар Турсунов, мутасаддиёни маркази миллию фарҳангии ҷумҳурӣ, инчунин пайвандони олим – бародараш Абдуқаюм Эргашев, хоҳараш Зиёда Эргашева ва писараш Иноят Эргашев ва дигарон иштирок намуда, аз мероси ғании илмии академик ёдовар шуданд.

**Абдуқаюм БЕККАМОВ,**
**узви Иттифоқи навиcандагони Ӯзбекистон.**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

# ҚАДАМИ МУҲИМ СӮЙИ ҲАМКОРИҲО



**_Директори Филармонияи вилояти Алматии Қазоқистон ба номи Суюнбой Сабит Абдилқалиқов ба Бахши Филармонияи давлатии Ӯзбекистон дар Бухоро ташриф фармуд._**

Дар доираи он вохӯрии ӯ бо директори бахши мазкур Рауф Авезов ба амал омад. Масъалаҳои рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳангу санъат, мустаҳкам намудани алоқаҳои эҷодӣ, васеъ тарғиб кардани арзишҳои миллӣ, инчунин татбиқсозии лойиҳаҳои муштарак муҳокима гардиданд.

Меморандуми ҳамкории байниҳамдигарӣ имзо гардид. Он имкон медиҳад, ки мероси мадании ғании ду халқи бародар тарғибу ташвиқ гардида, барномаҳои муштараки консертӣ таҳия гарданд, таҷрибаивазкунии тарафайни эҷодӣ сурат гирифта, ҳамкориҳои соҳаи санъат ба марҳилаи нав бардошта шаванд.

Дар давоми ташриф меҳмон бо баромадҳои ансамбли рақсии «Бухоро мавжлари» аз наздик шинос шуда, ба корҳои эҷодӣ ва фаъолияти саҳнавии даста баҳои баланд дод.

Бояд таъкид намуд, ки ин мулоқот бобати мустаҳкамтаршавии ҳамкориҳои мадании Ӯзбекистону Қазоқистон, васеътар гардидани робитаҳои эҷодӣ, инчунин тарғиби санъати миллиамон дар арсаи байналмилалӣ қадами муҳим шуд.

* * *

Ба қарибӣ бо Фармони Президенти мамлакат гурӯҳе аз фидоиёни соҳаҳои фарҳанг, санъат ва адабиёт бо мукофоти давлатӣ тақдир карда шуданд. Аз ҷумла, директори бахши вилоятии Филармонияи давлатии Узбекистон Рауф Авезов низ соҳиби медали «Шуҳрат» гардид. Мо ӯро бо ин мукофоти давлатӣ муборакбод карда, ба фаъолияти минбаъдааш комёбиҳои нав ба нав таманно менамоем!

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**




*Бонувони соҳибкор*

# ГУЛЧЕҲРАИ МАҲБУБ

Гулчеҳрахон ҳанӯз айёми мактабхонӣ ба касби омӯзгорӣ дил баста буд. Алалхусус, вай ба муаллимаи ташаббускору ташкилотчии мактаб, зани фаъолу хушмуомила Зикринисо Орифова ҳавас мекард ва мисли ӯ шуданро орзу менамуд. Ин орзу ӯро ба Донишгоҳи давлатии Фарғона бурд ва ҳуҷҷатҳояшро ба бахши физика ва меҳнат супурд, вале бахт ба рӯяш нахандид. Омад ба деҳа ва ба фермаи ширию молии шуъба ба кор даромад. Ҳам кор кард ва ҳам барои боз ба хондан даромадан ба омӯзиш пардохт. Мақсадаш, ки қавӣ буд, ӯ баъди як соли кору мутолиа боз ба донишгоҳ омад ва хушбахтона, аз имтиҳонҳо бо муваффақият гузашта, ба номи донишҷӯ сазовор гашт. Ҳамин тавр, 5 соли донишҷӯӣ бо талоши илму дониш паси сар шуд ва ӯ соли 1976 соҳиби дипломи омӯзгорӣ гардид. Аҳли ҷамоаи мактаби зодгоҳаш – деҳаи Ғазноб бо сарварии яке аз машъалафрӯзони ноҳия Муҳаммадшариф Бозоров ӯро бо хушнудӣ пазируфтанд ва ӯ омӯзгори физика ва меҳнат таъин шуд. Гулчеҳра бо кӯмаку дастгирӣ, маслиҳату тавсияҳои устодонаш Зикринисо Орифова, Асқаралӣ Элибоев, Эркинҷон Яҳёев, Авазҷон Исмоиловҳо дар фурсати кӯтоҳ асрори пешаи худро пурра азбар карда, оҳиста-оҳиста дар соҳаи таълим ба муваффақиятҳо ноил гашт. Шогирдонаш дар озмунҳои фаннӣ фаъол иштирок мекардагӣ шуданд. Он солҳо духтарон дар мактабҳои олӣ хеле кам таҳсил мекарданд ва ин ӯро ором намегузошт. Вай ҳаракат мекард, ки бештар ба духтарон эътибор диҳад, то онҳо баъди хатми мактаб таҳсилро идома диҳанд. Ҳамин тавр ҳам шуд ва чанде аз шогирдонаш соҳиби маълумоти олӣ шуда, ба халқу Ватан хизмат мекунанд.

Меҳнати фидокоронаи Г. Маҳбубова аз назар дур намонд ва ӯ соли 1995 ба гирифтани унвони фахрии «Мураббии хидматнишондодаи ҷавонони Ӯзбекистон» сазовор гардид.

Соли 1996 Г. Маҳбубоваро ба ҳокимияти Сӯх ба кор гирифтанд ва ӯ то соли 2003 ҳамчун ҷонишини ҳоким оид ба масъалаҳои занону духтарон фаъолияти пурсамар бурд. Соли 2003 ӯро ба мактаби рақами 21-уми зодгоҳаш ҷонишини директор оид ба корҳои маънавӣ ва маърифатӣ таъин намуданд. Вай дар ин вазифа бо директорони мактаб И. Иброҳимов, Б. Ҷалиловҳо якҷоя барои баланд бардоштани сифати таълим заҳмат кашид. Дар сохтмони бинои нави мактаб фаъол иштирок кард. Чорабиниҳои маънавию маърифатиро дар сатҳи баланд гузаронда, ба ҳурмати аҳли ҷомеа ва волидон мушарраф гардид.

Албатта, касе, ки меҳнат мекунад, ҳурмату иззат меёбад. Гулчеҳра Маҳбубова бо иззату икром ба нафақа баромад ва дар хона бекор нанишаст. Даст ба соҳибкорӣ зад ва тавонист фирмаи хусусии «Баҳригул»-ро таъсис диҳад. Маҳсулоти қаннодӣ ва макаронҳои хушсифат истеҳсол карда, аҳли деҳаро таъмин намуд ва чанд ҷойи корӣ ба вуҷуд овард. Барои дар байни бонувон ба роҳ мондани соҳибкорӣ дар маҳалла ӯро ба ҶШМ «Ғазноб» ҳамчун ҷонишини раис оид ба масъалаҳои динӣ-маърифатӣ дар байни занон ба кор гирифтанд. Чанд муддат дар ин вазифа фаъолият бурд.

Бо ҳамсараш Баҳодурҷон Нусратуллоев, ки ӯ низ тамоми умр омӯзгорӣ кардааст, 7 фарзандро тарбия карданд, ки ҳамаи онҳо соҳиби маълумоти олиянд. Онҳо соҳиби 21 набераю абераанд. 7 нафари онҳо дар муассисаҳои таълими олии тиббӣ, омӯзгорӣ ва политехникӣ таҳсил мегиранд.

Маҳбубова бо нишони «Шарафи модарӣ»-и Иттиҳоди Шӯравӣ, нишони хотиравии «10-солагии Истиқлолияти Ӯзбекистон» ва даҳҳо ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст.

– Ман аз он мефахрам, ки пешаи омӯзгориро интихоб кардаам, – мегӯяд Маҳбубова, – туфайли ин касб ба мартабаҳои баланд расидам, соҳиби эҳтиром гаштам, барои ин неъматҳои Худодод беадад шукр мегӯям.

**Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Минбари донишҷӯ*

## Модар офтоби осмони зиндагист

Модар барои ҳар яки мо азизтарин ва муқаддастарин шахс аст. Меҳри ӯ ҳадду канор надорад ва мисли Офтоб ҳамеша гармӣ мебахшад. Аз рӯзи аввале, ки мо ба дунё омадем, оғӯши модар паноҳгоҳи бехатар ва қалбаш сарчашмаи муҳаббат аст. Беҳуда нест, ки бино ба як ҳадис «ҷаннат зери пои модарон аст». Ин сухан бозгӯйи он аст, модар сазовори арҷгузориҳост.

Ӯ беинтиҳо дӯст медорад, беинтиҳо мебахшад ва беинтиҳо сабр мекунад. Вақте кӯдакаш бемор мешавад, модар шабҳо бедор менишинад. Ӯ ҳатто дар лаҳзаҳои сахттарин умедро аз даст намедиҳад, зеро нерӯи ӯ аз муҳаббат сарчашма мегирад.

## Омӯзгори аввалин

Пеш аз он ки ба мактаб равем, модар ба мо роҳ рафтан, сухан гуфтан ва фарқ кардани хубу бадро меомӯзад. Ӯ нахустин омӯзгори мост. Бо ҳар насиҳат, сухани пур аз меҳр ва ҳатто танбеҳ мехоҳад моро ба роҳи рост ҳидоят намояд, паси соҳиби илму ҳунар гардидани фарзандон заҳмати модар ниҳон аст.

Духтарчае орзу дошт, ки дар озмуни рассомӣ ширкат кунад, вале барои харидани лавозимот пул намерасид. Модар чизе нагуфта, рӯзе ангуштарини дӯстдоштаашро фурӯхт ва барои духтараш рангу дафтар харид. Духтар баъд аз пирӯзӣ фаҳмид, ки модараш чӣ кор кардааст. Ӯ бо чашмони пуроб гуфт: «Модарҷон, чаро ба ман нагуфтед?» Модар танҳо табассум кард ва гуфт: «Хушбахтии ту барои ман беҳтарин зевар аст». Ин аст меҳри беинтиҳои модар – қурбоние, ки дида намешавад.

Агар падар такягоҳи зиндагӣ бошад, модар гармии он аст. Ӯ бо сухани нарм хашмро ором мекунад, бо меҳрубонӣ дилҳоро ба ҳам меорад ва бо сабр мушкилиҳоро паси сар мекунад. Ҳузури модар ба хона рӯшноӣ мебахшад.

## «Дуои модар»

Ҷавоне барои таҳсил бояд ба шаҳри дур мерафт. Пеш аз сафар, модараш ӯро ба оғӯш гирифта, гуфт: «Писарам, ҳар куҷо бошӣ, дуои ман бо туст». Солҳо гузаштанд. Ҷавон дар зиндагӣ ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ шуд, вале ҳар боре, ки ноумед мешуд, сухани модарашро ба ёд меовард. Ӯ бовар дошт, ки дуои модар пуштибони ӯст. Ниҳоят, бо талошу заҳмат муваффақ гардид ва гуфт: «Агар имрӯз ба мақсад расидаам, аз баракати дуои модарам аст».

## Қадршиносӣ – вазифаи фарзанд

Мо аксар вақт меҳнати модарро одӣ мешуморем, зеро ӯ ҳамеша дар паҳлӯи мост. Вале бояд донем, ки ҳар лаҳзаи зиндагии мо ба заҳмат ва муҳаббати ӯ пайвандӣ дорад. Бояд ба қадри модар ҳар рӯз бирасем. Бо сухани хуб, рафтори нек ва кумак ба ӯ метавонем муҳаббаташро ҷавоб гӯем.

Меҳри модар мисли дарёест, ки ҳеч гоҳ хушк намешавад. Ӯ беинтиҳо мебахшад ва ҳеч чизро интизор намешавад. Модар рамзи фидокорист. Пас, биёед ҳамеша модарони худро дӯст дорем, эҳтиром намоем ва кӯшиш кунем, ки бо рафтори нек дили онҳоро шод гардонем. Зеро дар паси ҳар инсони муваффақ, қалби пурмеҳри модар қарор дорад.

**Нигина МУСУРМОНОВА,**
**донишҷӯйи факултети**
**филологияи ДД Бухоро.**

*Аз дафтари «Лавҳаҳои зиндагӣ»*

## ҶАЗО

Алҳол мо дар қарни рушди илму техника ва ахбори технологӣ зиндагонӣ мекунем. Метавонем аз шабакаҳои интернет бемалол ва дар мавриди муносиб истифода барем, маълумоти заруриро сари вақт дастрас намоем.

Вале алҳол аз ин навишта мақсади мо дигар аст. Мехоҳем дар бораи занмодар ва бонувон – ҷинси латиф ҳарф занем. Зеро вақтҳои охир дар шабакаҳои интернет доир ба амалҳои ношоистаи баъзе аз эшон ҳар гуна хабарҳои дилрешкунандаро хонда, ростӣ, нафратамон нисбати ин тоифа меафзояду дасту диламон аз дунё ях мегардад.

... Ин воқеаро ба ман зане нақл намуд. Назар ба гуфтаи вай ин ҳодисаи мудҳиш тақрибан 4-5 сол қабл рух дода будааст.

Дар ҳамсоягии ӯ пиразане бо духтараш мезист. Баъди ду соли таваллуди духтарак шавҳараш банохост бинобар бемории бедавое аз олам чашм мепӯшад. Ҳамсоязанак ба хотири фарзанди ягонаашро бе каму кост парвариш намудан ба саҳро баромада меҳнат мекунад. Ҳарчанд аз ҷойҳои гуногун хостгор меояд, ӯ дигар шавҳар намекунад. Фарзанди дилбандашро чун гавҳараки чашму гули ҳамешабаҳор ба камол мерасонад. Ниҳоят духтар ба камол мерасаду аз як хонадони баобрӯйи деҳа хостгор меояд. Модари мушфиқ барои бахти фарзанд розигӣ медиҳад. Лекин шарт мегузорад, ки домод бояд дар хонаи ӯ зиндагӣ кунад, яъне хонадомод шавад. Зеро танҳост ва онҳо дар пирӣ мададгораш мешаванд.

Аз ин миён солҳо гузаштанд. Модари танҳо, ки духтару домод барои ӯ хонаи алоҳида ҷудо карда буданд, даврони пирӣ меронд. Синнаш аз 80 баланд шуд. Вале духтаре, ки модар бо ҳазор умеду орзу ба камол расонида буд, рӯз аз рӯз нағмаҳои бемаънӣ зоҳир мекард. Ниҳоят, ҳатто рӯйи фарзандро надида, шавҳарашро аз хона ронд ва ба кӯчаи айшу ишрат ворид гардид.

Модари пир ба ҳама сахтиҳову душвориҳо зиндагиро ба танҳоӣ мегузаронд.

Духтар барои он ки модар ӯро гоҳу ногоҳ «безобита» накунад, ба вай плитаи электрӣ ва боз барои ҳоҷатбарорӣ «горшок» харид.

...Шабе модари пирро, ки аз сабаби набудани барқ ва хирагии чашм ба ҷойи горшок рӯйи плита шистаасту аз қазо дафъатан барқ омадааст, ток мезанад. Духтари нозпарвардааш аз ин ҳол бехабар мемонад.

Субҳидам ҳамсояҳо аз бӯйи ғализе бедор гардида, шитобон ба хонаи ӯ ворид мешаванд ва мебинанд, ки ҷасади пиразан дар болои плитаи электрӣ дуд мекард. Духтар бошад, ҳанӯз масти хоб буд…

Баъди гӯру чӯби модар ӯ дар ҳавлии калону обод танҳо мемонад. Мегӯянд, ки муддати зиёде нагузашта ба васвосӣ гирифтор гардида, ба худкушӣ даст зад. Ҳеч кас ба имдоди вай нарасид…

Рӯзномахонони азиз, муроди мо аз нақли ин қисмати талх ба фарзандон таъкид кардани муносибати хуб бо наздикон, пайвандон ва алалхусус падару модар аст. Ҳарчанд хидмати падару модар кардан ва дуои неки онҳоро гирифтан қарзи мо – фарзандон мебошад.

**Солеҳи МУҲАММАДҶОН,**
вилояти Сурхондарё.



*Меҳрангез Ҳасанова, ҳунарпешаи театру синамо ва садогузори Тоҷикистон аст.*

*Меҳрангез Ҳасанова (дар сурат) баъди хатми Институти умумииттифоқии кинематографистони Маскав фаъолияти худро ба ҳайси ҳунарпеша дар Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ оғоз кардааст. Қариб 30 сол, солҳои 1980-2008 коргардони бахши дубляжи «Тоҷикфилм» буд. Аз соли 2008 инҷониб ҳунарпешаи Театри давлатии драмаи русии ба номи В. Маяковский аст.*

*Ӯ дар садогузории беш аз дусад филми бадеӣ ба забони тоҷикӣ иштирок кардааст. Инчунин дар филмҳои бадеии «Дар ҷарӣ», «Қӯшатир», «Ҷинояткор ва адвокатҳо», «Ҳодиса дар фурудгоҳ», «Туҳмат» ва дигар филмҳо нақш бозидааст.*

*Резаҳикояҳо*

**Энрике КАВАЛИТТО (Испания)**

### Макри зан

Зан дар аспи ҷаҳл. Зиндагии онҳо фаровон, аммо бо вуҷуди ин боз як норасоие ба назар мерасид гӯё. Инро худаш ҳам намедонист. Балки рашк ба дилаш зада буд? Ба худ каме оро диҳад ҳам як бало, надиҳад ҳам. На тоқати сармову на тоқати гармо. Кайҳо боз бояд аз ин Отелло халос мешуд. Аммо тоқат кард ва бояд сабр кунад. Барои аз шавҳар халос шудан, ҳоло вақт ҳаст. Дархостҳояшро пурра ба анҷом расонад, баъд ба ӯ мегӯяд: «Чор тарафат қибла». Хонаву ҷой, автомобил, бизнес... Ҳамаи ин бояд азони вай шавад ва худаш шоҳу табъаш вазир гардад.

Зан айёрона, бо хотири ҷамъ ба гӯши шавҳар пичиррос зад:

– Азизам...!

### Азо

Зан баъд аз вафоти шавҳараш аз таҳхона чанд дона мактуб ёфт, ки онҳоро ба идора ирсол карда буд. Пас, ин мард зани дуюм низ доштааст. Акнун донист он хонуми мавзунқоматеро, ки ба маросими дафн омада буд. Дар паҳлуяш бачае низ дошт. Чашмони лоҷварди бача шабеҳи чашмони шавҳараш буд. Чаро ҳамон замон инро дарк накард? Иблис!!!

Зан рӯзи марги шавҳараш азо гирифт, навҳа кашиду ашк рехт. Ашкҳо ашки алам, ашки фиреб буданд. Пас, тамоми умр бо ман бо фиребу найранг зиндагӣ кардааст, аз дил гузаронд зан. То фарорасии шом ашк рехт. Ниҳоят монда шуд. Ва ёду ёдгори шавҳарашро низ ҳамроҳ бо ӯ гӯр кард. Аҳд кард, ки дигар аз ӯ ёд намекунад...

**Аз ӯзбекӣ тарҷумаи**
**Саодат РӮЗИЕВА.**

## НӮҲ ФАРЗАНДИ ҲАЛИМА



УЗИ ҳангоми озмоиш дар батни ӯ 7 фарзандро нишон дод, вақти таваллуд манзара тамоман ранги дигар гирифт – дояҳо дар ҳайрат монданд. Ҳалима Сиссеи 25-сола, ки дар кишвари африқоии Малӣ зиндагӣ мекунад, вақти ба муоинаи УЗИ омадан ҳеҷ гумон надошт, ки ... ӯ дар бобати таваллуди як шикам рекорд мегузорад. То ин аллакай як фарзанд дошт. Вақте дар зоишгоҳ аз батни ӯ паси ҳам нӯҳ кӯдакро дар оварданд, дар тамоми расонаҳои ҷаҳон аз ин хусус мегуфтанду менавиштанд. Барои Ҳалима асло осон набуд, чунки дар ҳафтаи 30-юми ҳомила зоиши пеш аз мӯҳлат сар шуд ва азбаски вазъият мураккаб ва беназир буд, ӯро зуд ба Марокаш, ки хидмати тиббӣ беҳтар буд, бо даҳолати ҳукумат расонданд.

Дар ҷарроҳӣ 35 мутахассис иштирок кард. Маълум гардид, ки ду кӯдак аз назари УЗИ «пинҳон» мондааст. Аз онҳо 5 писар ва 4 духтар – вазнашон то 500 граммӣ. Аввал бовар набуд, ки ҳамаашон зинда мемонанд, аммо, хушбахтона, пас аз як соли назорати доимии духтурон дар бемористон онҳо зиндаву саломатанд. Ҳоло тамоми харҷи кӯдакон дар зиммаи давлат аст. Тавре ки шабакаҳои иҷтимоӣ хабар медиҳанд, Ҳалима ҳоло ягона зане мебошад, ки 9 кӯдакро таваллуд карда, ҳамаашон зинда мондаанд ва ин рекорди ҷаҳон мебошад.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 2058. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Саҳифаబанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 05.50

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.